# ФИТНАИ ТАКФИР

Шайхи муҳаддис, аллома Муҳаммад Носириддин Албонӣ (раҳимаҳуллоҳ)

**Тақриз:** Шайх Аллома Абдулазиз бин Боз (раҳимаҳуллоҳ)

**Тарҷумон** (бо забони форсӣ): Абдуллоҳи Иброҳимӣ

*Китобхонаи Мероси Абуҳанифа*

| Унвони китоб: | **Фитнаи Такфир** |
| --- | --- |
| Унвони аслӣ | **فتنة التكفير** |
| Таълиф | **Муҳаммад Носириддин Албонӣ (раҳимаҳуллоҳ)** |
| Тарҷума бо забони форсӣ | **Абдуллоҳи Иброҳимӣ** |
| Баргардон аз хати форсӣ ба тоҷикӣ (кириллӣ) | **Ҳайати китобхонаи Мероси Абуҳанифа** |
| Мавзӯъ | **Маҷмӯъаи ақоиди исломӣ – тавҳид ва улуҳият** |
| Теъдоди саҳифаҳо | **35** |
| Таърихи интишор | **Тир (саратон) 1395 шамсӣ, шаввол 1437 ҳиҷрӣ** |
| Таърихи баргардони бо хати кириллӣ | **Декабри соли 2020** |
| Манбаъ (бо хати форсӣ) | **IslamTape.com** |
| Манбаъ (бо хати тоҷикӣ) | **www.merosi-abuhanifa.com** |

**Ин китоб аз сайти китобхонаи Ақида гирифта шуда ва аз тарафи ҳайати китобхонаи Мероси Абуҳанифа ба тоҷикӣ баргардонида шудааст.**

Китобхонаи Ақида: **www.aqeedeh.com** Эмайл: **book@aqeedeh.com**

Китобхонаи Мероси Абуҳанифа: **www.merosi-abuhanifa.com**

Эмайл: **book@merosi-abuhanifa.com**

***Огоҳӣ: Дар китоби мазкур баъзе калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои форсӣ, ки барои хонандагони тоҷик душворфаҳм мебошанд, дар дохили қавс шарҳ дода шуда ва ё ин ки калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои ҳаммаъно истифода шудаанд.***

**بسم الله الرحمن الرحيم**

## Мундарича

Назари Носириддин Албонӣ раҳимаҳуллоҳ дар бораи масъалаи такфир....................3

Назари шайх Абдулазиз бин Боз раҳимаҳуллоҳ дар мавриди гуфтаҳои Шайх Албонӣ раҳимаҳуллоҳ..........................................................................................25

Хулосаи матлаб..........................................................................................................31

**Назари Носириддин Албонӣ раҳимаҳуллоҳ дар бораи масъалаи такфир**

Дар аввалин шумораи маҷаллаи “Салафия”, ки дар соли 1415 ҳиҷрӣ қамарӣ (мутобиқ ба соли 1994 мелодӣ) нашр шуда буд, аз устод Муҳаммад Носириддин Албонӣ раҳимаҳуллоҳ дар бораи ***фитнаи такфир*** савол шуд. Шайх Албонӣ раҳимаҳуллоҳ низ ба тафсил дар ин масъала посух додаанд, ки дар зер ба шакли саволу ҷавоб пешкаш карда мешавад.

**Савол:** Ҷаноби Устод, чуноне ки Шумо медонед дар байни муборизаҳои мардуми Афғонистон дар ҳангоми ҷиҳод, дастаҳо ва гурӯҳҳои гумроҳи зиёде нуфуз карданд. Мутаассифона ин гурӯҳҳо барои паҳн ва нашр кардани афкорашон, ки берун аз роҳ ва равиши (манҳаҷи) салафи солеҳ буд, ҳамаи қудрат ва тавонашонро истифода карданд. Хусусан афкорашон болои ҷавонони мо пуртаъсир шуд, ҷавононе, ки дар он ҳангом дар Афғонистон ҷиҳод мекарданд. Аз ҷумлаи он фикр ва ақидае, ки паҳн карданд, ин ***такфири ҳокимон*** ё ба истилоҳи худи онҳо, ин суннати таркшудаи ***террор*** мебошад.

Баъд аз бозгашти ҷавонони салафӣ ё ҷавонони муҷоҳид аз Афғонистон ба кишварҳояшон, ки таҳти таъсири ин афкори нодуруст қарор гирифта буданд, шурӯъ намуданд, то ҷавонони ҷомеъаҳои худро низ ба ин фикр ва шубҳаҳо водор кунанд.

Чигунае, ки мо огоҳ шудем, мобайни Шумо ва яке аз бародарон, муноқишаи тулонӣ дар масъалаи такфир сурат гирифтааст. Аз сабабе, ки навори сабтшудаи ин мусоҳиба ва гуфтугӯ возеҳ забт нашудааст, аз Шумо мехоҳем, ки ин масъаларо шарҳ диҳед. Аз Худованд мехоҳем, ки беҳтарин подошро ба Шумо иноят бифармояд.

**Қабл аз он, ки ҷавоби Устодро дар масъалаи такфир баён кунем, ба баёни баъзе аз ибораҳои муҳимме, ки дар ин масъала вуҷуд доранд, мепардозем:**

*1. Такфир фитнаи қадимӣ буда, гурӯҳҳое дар қадим вуҷуд доштанд ва дар замони муосир низ вуҷуд доранд, ки поя ва сарчашмаи фикрии хешро дар ин асос бунёдгузорӣ кардаанд.*

*2. Мусулмон бояд ду чизро бо ҳам ҷамъ намояд, ки аввали ихлос барои Аллоҳ Таъоло буда ва дуввуми пайравии некӯ кардан, мебошад.*

*3. Аломат ва нишонаи фирқаи Ноҷия (аҳли Суннат ва Ҷамоъат) аз дигар фирқа ва гурӯҳҳо ин аст, ки фирқаи Ноҷия бар роҳу равиши Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва асҳобаш мебошад.*

*4. Аксари ҳизбҳои ҷиҳодӣ ояти ҳукми ба ғайри мо анзалаЛлоҳро (яъне ояти 44-и сураи Моидаро:* ***“Касоне, ки ба он чи Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунанд, онҳо кофиранд.”****) ба шеваи гурӯҳи Хавориҷ тафсир мекунанд.*

*5. Такфири гуноҳкор ба сабаби анҷоми маъсият ва гуноҳ ҷойиз нест.*

*6. Хавориҷ бо сабаби мухолифат бо асҳоби Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳалок шуданд.*

*7. Тасфия (соф ва пок кардан) ва тарбияти даъват ба таҷдиди нигариши илмӣ ва интишори дониши софу холис дар байни мардум буда ва бино кардани ҷомеаи исломӣ дар ин асос мебошад. Тасфия ва тарбия ин яъне огоҳ ва пок кардани мардум аз хурофоту ширкиёт ва баъдан тарбия намудани мардум дар асоси Исломи пок, ки дур аз ҳама намуди бидъат ва навовариҳост, мебошад.*

*8. Аксари афроди ҳизбҳои исломӣ дар муддати як қарн, бо вуҷуди фаъолиятҳои васеъ ва гирифториҳои зиёд, натавонистаанд ҳатто барои худ низ муфид бошанд. То ҷое, ки аз ин гуна афрод ҳамеша ақидаҳо ва амалҳои хилофи Қуръону Суннатро мушоҳида мекунем.*

**Ҷавоби Шайх Албонӣ раҳимаҳуллоҳ:**

**إن الحمد لله نحمده ونستعينه ونستغفره، ونعوذ بالله من شرور أنفسنا، ومن سيئات أعمالنا، من يهده الله فلا مضل له، ومن يضلل فلا هادي له، وأشهد أن لا إله إلا الله وحده لا شريك له، وأشهد أن محمداً عبده ورسوله. أما بعد:**

Воқеъият ин аст, ки масъалаи такфир танҳо махсуси ҳокимон набуда, балки ба тамоми мардум алоқамандӣ дорад. Такфир фитнаи қадимӣ буда, яке аз фирқаҳои асри гузашта ба номи Хавориҷ онро ташкил намуд.[1] Гурӯҳи Хавориҷ мутаассифона бо номи Қуръону Суннат аз Қуръону Суннат хориҷ шудаанд. Банда фикр мекунам, ки онҳо бар асоси ду иллат аз роҳи салафи солеҳ дур шудаанд:

Аввал ***камии илм***, яъне фаҳмашон дар масоили дин кам аст.

Иллати дуввум ин аст, ки онҳо ***қоидаҳои шаръиро*** хуб дарк накардаанд, дар ҳоле, ки ин масъала бисёр муҳим буда, асоси даъвати Исломи покро дар бар мегирад. Масъалаест, ки ҳар нафаре аз афроди

[1] Дар китобҳои навишташуда дар бораи гурӯҳҳо ва фирқаҳои исломӣ, аз гурӯҳи Хавориҷ ёд шудааст ва баъзе аз ин гурӯҳҳо дар айни ҳол ба исмҳои дигар низ мавҷуд ҳастанд. Аз он ҷумла фирқаи Ибозия, ки яке аз гурӯҳҳои Хавориҷ буда, қаблан дар либоси аҳли Суннат ва Ҷамоъат фаъолият ва даъват мекард, аммо муддатест, ки дубора пайдо шуда, шурӯъ ба интишори баъзе аз навиштаҳо ва ақоид кардааст. Ақида ва интишороташ дақиқан мутобиқи ақидаҳои фирқаи Хавориҷ дар қадим мебошад. Танҳо фарқе, ки фирқаи Ибозия бо гурӯҳи Хавориҷ дорад, ин аст, ки худро ба василаи яке аз хусусиёти хоси шиъа, ки ***тақия*** ном дорад, махфӣ кардааст ва иддао мекунад, ки мо Хавориҷ нестем. Дар ҳоле ки шумо медонед, ки номҳо ҳақиқату мафҳумро тағйир намедиҳанд, зеро инҳо низ ба монанди Хавориҷ муртакибини гуноҳи кабираро кофар медонанд. Имрӯзҳо дар баъзе аз ҷамоъатҳои исломӣ баъзе аз афрод ёфт мешаванд, ки бо номи Қуръон Суннат даъват мекунанд, аммо дар асл мухолифи манҳаҷи салафи солеҳанд.

ҷамоъатҳои инҳирофӣ ва каҷрав дар сурати хориҷ шудан аз ин роҳ, яъне дар сурати хуб дарк накардан ва амал накардан ба қоидаҳои шаръӣ, аз ҷамоъате, ки Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам онро ситоиш намуд, низ хориҷ мегардад.

Дар ин сурат ҳатто метавон гуфт, ки фард аз он ҳолате низ хориҷ мешавад, ки Парвардигор онро баён фармуда ва ҳамчунин эълом медорад, ки ҳар касе аз ин роҳ хориҷ шавад, бо Аллоҳу Расул ба мухолифат бархостааст. Чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَمَن يُشَاقِقِ ٱلرَّسُولَ مِنۢ بَعۡدِ مَا تَبَيَّنَ لَهُ ٱلۡهُدَىٰ وَيَتَّبِعۡ غَيۡرَ سَبِيلِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ نُوَلِّهِۦ مَا تَوَلَّىٰ وَنُصۡلِهِۦ جَهَنَّمَۖ وَسَآءَتۡ مَصِيرًا

**"Ҳар кас пас аз он, ки роҳи ҳидоят барояш ошкор шуд, бо Расулуллоҳ мухолифат кунад ва аз роҳе ҷуз роҳи мӯъминон пайравӣ намояд, вайро ба он чи рӯи худро ба он сӯ карда, вогузорем ва ба ҷаҳаннам, ки бадтарин саранҷом аст, ворид кунем."** (Нисо, 115)

Аллоҳи Муттаъол дар ин оят азоби хешро танҳо дар мухолифат бо Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам қарор надода, балки дар пайравӣ аз ғайри мӯъминон низ азобашро эълом медорад. Ин масъала дар назди аҳли илм бо далелҳо ва ҳуҷҷатҳои қавӣ ошкор ва равшан аст. Зеро пайравӣ ва ё мухолифати роҳи мӯъминон масъалаи бисёр муҳим ва ҷиддӣ мебошад.

Ҳар кас аз роҳи мӯъминон пайравӣ кунад, бешак назди Парвардигор аҳли наҷот аст ва дар сурати мухолифат бо мӯъминон вориди ҷаҳаннам мегардад, ки ҷаҳаннам саранҷоми бадест. Ҳамин масъала боиси гумроҳии гурӯҳҳои бисёре дар асрҳои гузашта ва муосир

шудааст, зеро онҳо пайравӣ аз роҳи мӯъминонро бар худ лозим надониста, балки бар ақли хеш басанда карда, дар тафсири Қуръону Суннат аз орзуҳо ва ҳавасҳои хеш пайравӣ намудаанд, ки бо ин корашон аз роҳу равиши салафи солеҳ ҷудо гаштаанд.

Ин қисмат аз оятро وَيَتَّبِعۡ غَيۡرَ سَبِيلِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ (**“Ва пайравӣ карданд роҳи ғайри мӯъминонро...”**) Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар бештар аз як ҳадис мавриди таъкид қарор додаанд. Ингуна ҳадисҳо танҳо назди касони махсус набуда, балки назди тамоми мусалмонон, ҳатто назди худи онҳо (гурӯҳҳое, ки хилофи манҳаҷи салафи солеҳанд) шинохта шудааст. Барои намуна миқдоре аз ингуна ҳадисҳоро ишора хоҳам кард ва ингуна ҳадисҳо далолаткунандаи онанд, ки бояд роҳи мӯъминон дар фаҳми Қуръону Суннатро зарурӣ ва лозимӣ донист.

Ин нуқтаест, ки дар он ҷамоъатҳои зиёд дучори иштибоҳ шудаанд, ҳатто ҷамоъатҳое, ки худро муҷоҳид намегиранд. Онҳо дар даруни хеш солеҳу аҳли ихлосанд, аммо ихлос ба танҳоӣ барои наҷоти соҳибаш назди Аллоҳи азза ва ҷалла кофӣ намебошад. Балки ба ғайр аз ихлос доштан дар ният барои Аллоҳ Таъоло, инчунин пайравии некӯ аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро низ бояд ба он изофа намуд. Танҳо ихлос дар амал кифоят намекунад, балки манҳаҷи (роҳи рости) зиндагии мусалмон низ бояд дур аз ҳар гуна инҳироф бошад.

Аз ҷумла яке аз аҳодиси маъруф дар ин замина, ҳадиси ***парокандагии уммат*** аст. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд:

افْتَرَقَتِ الْيَهُودُ عَلَى إِحْدَى وَسَبْعِينَ فِرْقَةً، وَافْتَرَقَتِ النَّصَارَى عَلَى اثْنَتَيْنِ وَسَبْعِينَ فِرْقَةً، وَالَّذِي نَفْسِي بِيَدِهِ لَتَفْتَرِقَنَّ أُمَّتِي عَلَى ثَلَاثٍ وَسَبْعِينَ فِرْقَةً وَاحِدَةٌ فِي الْجَنَّةِ، وَاثْنَتَانِ وَسَبْعُونَ فِي النَّارِ. قِيلَ: يَا رَسُولَ اللَّهِ، وَمَنْ هِيَ؟ قَالَ: الْجَمَاعَةُ. وفي رواية: ما أنا نَ عليه وأصحابي

***"Яҳуд ба ҳафтоду як фирқа, масеҳият ба ҳафтоду ду фирқа тақсим шуданд. Қасам ба Зоте, ки нафсам дар дасти Ӯст, уммати ман ба ҳафтоду се фирқа тақсим мешаванд, ки ба ҷуз як даста, ҳама вориди ҷаҳаннам мешаванд. Арз карданд: Эй Расули Аллоҳ, он гурӯҳ чӣ касоне ҳастанд? Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: Ҷамоъат ҳастанд.*** *Дар ривояти дигар мефармоянд:* ***Ҳар кас, ки бар роҳу равиши ман ва асҳобам бошад".***

Ҷавоби Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро дақиқан ба ояте, ки қаблан зикр шуд, мувофиқ мебинам, ки фармуд: وَيَتَّبِعۡ غَيۡرَ سَبِيلِ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ (**“Ва пайравӣ карданд роҳи ғайри мӯъминонро...”**)

Касоне, ки дар умуми оят дохил мебошанд, асҳоби Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳастанд. Дар ин ҳадис Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам танҳо ба «**ما انا عليه**» (***“Он роҳ ва равише, ки ман дар он ҳастам.”***) басанда накардаанд, ҳарчанд ки барои мусалмоне, ки ҳақиқатан Китобу Суннатро (Қуръону Суннатро) бифаҳмад, кофӣ аст. Аммо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои ба исбот расонии қавлӣ ва амалии ин фармудаи Аллоҳ Таъоло, ки мефармояд: بِٱلۡمُؤۡمِنِينَ رَءُوفٞ رَّحِيمٞ **"Нисбат ба мӯъминон рауфу раҳим аст"** (Тавба, 128) хостааст меҳрубониву муҳаббати хешро нисбат ба асҳобаш ба равшан нишон диҳад. Ин меҳрубонӣ ва муҳаббат ин аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аломати гурӯҳи наҷотёфтаро баён доштааст, ки ин қарор гирифтан бар роҳу равиши ӯ ва асҳобаш баъд аз вай мебошад.

Бинобар ин, барои фаҳми Китобу Суннат танҳо шинохти забон ва калимаҳои арабӣ, шинохти масъалаҳои носиху мансух ва амсоли ин кофӣ набуда, балки ҳар масъаларо бояд тавре фаҳмид ва ба он амал кард, ки асҳоби Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам он масъаларо ба он равиш фаҳмида ва ба он амал намудаанд. Зеро чигунае, ки аз осору зиндагии асҳоби Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам равшан аст, онҳо дар ибодати Аллоҳи Мутаъол мухлистар аз мо буданд, фаҳмашон дар робита бо Китобу Суннат нисбати мо бештар буд ва инчунин дорои хислатҳое буданд, ки дар муқоиса бо хислатҳои мо бештар ва писандидатар буд. Дақиқан мисли ин ҳадис, фармудаи дигари Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар мавриди хулафои рошидин низ дар Сунан (китобҳои ҳадис) аз Ирбоз (عرباض) бин Сория ривоят шудааст, ки мефармояд:

**وعظنا رسول الله صلى الله عليه وسلم موعظة وَجِلَت منها القلوب، وذرفت منها العيون، فقلنا: كأنها موعظة مُودّع فأوصنا يا رسول الله! قال: اوصيكم بالسمع والطاعة، وإن ولي عليكم عبد حبشي، وإنه من يعش منكم فسيرى اختلافاً كثيراً، فعليكم بسنتي، وسنة الخلفاء الراشدين من بعدي، عضوا عليها بالنواجذ...**

***"Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чунон насиҳате бароямон кард, ки қалбҳоро тарсону чашмҳоро гирён намуд. Арз кардем: Эй Расули Аллоҳ, мисли ин ки насиҳати Худоҳофизист, бинобар ин моро суфориш кун. Фармуд: Ба шумо суфориш мекунам, ҳарчанд як бардаи ҳабашӣ сарпарастии шуморо ба ӯҳда гирад, ӯро итоъат ва фармонбарӣ кунед. Ҳар кас дар байни шумо умри тӯлонӣ бинад, ихтилофоти зиёдеро мушоҳида хоҳад кард. Дар чунон вақте бар шумо лозим аст ба суннати ману ҷонишинони ҳидоятшуда ва ҳидоятгари баъд аз ман чанг бизанед ва онро маҳкам бигиред..."***

Ин ҳадис низ мисли ҳадиси қаблӣ гувоҳидиҳанда бар он аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам умматашро танҳо ба чанг задан ба суннати хеш басанда накарда, балки суннати хулафои рошидинро низ бар он афзудааст. Зеро мо маҷбурем, ки барои беҳтар фаҳмидан ва беҳтар намудани ақида, ибодатҳо, ахлоқ ва роҳу равиши зиндагиямон аз салафи солеҳ пайравӣ намоем ва ин ягона роҳест барои наҷот ва муваффақияти мо.

Гурӯҳҳои исломӣ дар қадим ва гурӯҳҳое низ дар замони муосир дучори гумроҳӣ шуданд ва сабаби аслияш дар он аст, ки ба ояте, ки қаблан зикр шуд ва ҳадиси суннати хулафои рошидин таваҷҷӯҳ накардаанд. Бинобар ин ҳамчунон, ки гузаштагонашон аз Китоби Аллоҳ, аз Суннати Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва аз манҳаҷи салафи солеҳ мунҳариф гаштанд, онҳо низ инҳирофашон табиӣ буд. Намуна ва натиҷаи онро метавон дар байни Хавориҷи қадим ва муосир мушоҳида кард.

Асли такфир дар замони мо дар фаҳми ин оят аст, ки Аллоҳи муттаъол мефармояд:

وَمَن لَّمۡ يَحۡكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ

**“Касоне, ки ба он чи Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунанд, онҳо кофиранд”.** (Моида, 44)

Ба ду сурати дигар низ такрор шудааст:

وَمَن لَّمۡ يَحۡكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ

**“Касоне, ки ба он чи Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунанд, онҳо золиманд”.** (Моида, 45)

وَمَن لَّمۡ يَحۡكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَٰسِقُونَ

**"Касоне, ки ба он чи Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунанд, онҳо фосиқанд."** (Моида, 47)

Онҳо ҳадди ақал ба далелҳое, ки лафзи "КУФР" дар онҳо зикр шудааст, таваҷҷӯҳе накардаанд. Бинобар ин лафзи "КУФР" – ро дар ояти 44-и сураи Моида ба маънии куфре, ки инсонро аз дин хориҷ мекунад, маънидод карда, аммо байни муртакибини (иқдомкунандагони) чунин куфре бо мушрикон аз яҳуду насоро ва ё пайравони динҳои дигар ғайр аз Ислом фарқе нанихҳодаанд. Дар сурате, ки лафзи "КУФР" дар забони Китобу Суннат танҳо ба ин мавриди ихтисос надорад, аммо онҳо ин фаҳми хаторо бар афроди бисёре, ки аз он дур мебошанд, татбиқ мекунанд.

Дар ду лафзи дигар "ЗОЛИМ" ва "ФОСИҚ", ки дар оятҳои баъдӣ зикр шудаанд, низ чунин аст, яъне ба ин маънӣ, ки агар шахсе муртакиби фиск ва ё зулм шуд, ин ба он маъно нест, ки ин шахс аз дин баргаштааст ва ё муртад шудааст ва ба ҳамон сурат вазъияти муттассиф ба куфр низ ин гуна аст. Ин бисёрмаъноӣ ва гуногунӣ дар фаҳмиши як калима ва ё ибора, масъалаест, ки ҳам забони араб ва ҳам шариъате, ки ба забони арабӣ нозил гаштааст, ба он далолат мекунанд. Бинобар ин бар ҳамаи касоне, ки масъули содир кардани ҳукм бар мусалмонон ҳастанд, чи ҳоким ё маҳкум (фармонбардор), бояд олим ба Китобу Суннат ва манҳаҷи салафи солеҳ бошад. Зеро фаҳми Қуръону Суннат ва ҳар он чи ба онҳо марбут аст, бидуни фаҳми забони араб ва бидуни фаҳми қоидаҳои вобаста ба он, муяссар ва имконпазир нест.

Дар сурати эҳсоси ҳар гуна нофаҳмиҳо дар шинохти забон ва луғат, аз ҷумла чизе, ки онро дар дарки он масъала кумак хоҳад кард, бозгашт ба фаҳми олимони қабл аз худ беҳтар аст. Хусусан олимоне, ки се қарни аввал буданд ва ба хайр ва афзал буданашон, шаҳодат дода шудааст.

Манзур аз куфри матраҳшуда дар ояти зер, яъне ояти 44-и сураи Моида чист?

وَمَن لَّمۡ يَحۡكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ

**“Касоне, ки ба он чи Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунанд, онҳо кофиранд”.** (Моида, 44)

Оё ба Ислом ҳукм накардан, сабаби аз дин хориҷ шудан ва муртад шудан мешавад?

Барои фаҳми ин оят, бояд ба он бештар таваҷҷуҳ кард, чун он куфри амалист, ки анҷоми он боиси хориҷ шудан аз баъзе аҳкоми дин мешавад. Гуфтаи олими уммат ва муфассири Қуръон Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳу дар ин замина моро кумак менамояд, то ояти мазкурро беҳтар бифаҳмем. Зеро Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳу аз ҷумлаи асҳобест, ки ба эътирофи ҳамаи мусулмонон, ба ҷуз касоне, ки узви гурӯҳҳои гумроҳ мебошанд, имоми аҳли тафсир аст. Мисли ин аст, ки он чизеро, ки мо дар замони муосир мешунавем, гуё дар он замон низ он ба гӯши ӯ расидааст, ки дар он ҷо мардумоне буданд, ки бидуни тафсил оятро бар асоси зоҳираш мефаҳмиданд. Ӯ разиялоҳу анҳу мефармояд:

ليس الكفر الذي تذهبون إليه وإنه ليس كفراً ينقل عن الملة، هو كفر دون كفر

*"Ин куфр ҳамон куфре нест, ки онҳо дарк кардаанд ва куфре нест, ки боиси хуруҷ аз Ислом гардад, балки куфрест, ки дар мартабаи пойинтар аз куфр қарор дорад."*

Шояд манзури Ибни Аббос Хавориҷ бошад, онҳое, ки бо амиралмӯъминин Алӣ разияллоҳу анҳу мухолифат намуданд ва аз итоъаташ хориҷ шуданд. Аз ҷумлаи оқибатҳои он ин буд, ки хуни мусалмонон рехта шуд ва бо онҳо (мусалмонҳо) тавре рафтор карданд, ки бо мушрикин низ чунин рафтореро надоштанд. Ин ҷавоби мухтасару равшан ба василаи муфассири Қуръон дар мавриди ин оят буд, зеро ин оят масъалаи муҳиммеро дар бар мегирад, ки бояд танҳо бо нусус ва далелҳои қавӣ ба он таваҷҷуҳ карда шавад.

Калимаи "КУФР" дар нусуси (далелҳои) зиёд ворид шудааст, ки наметавон онро ҳаммаъноӣ ***хориҷ шудан*** донист. Дар ин замина ҳадиси маъруф дар Саҳеҳайн аз Абдуллоҳ ибни Масъуд разиялоҳу анҳу зикр шудааст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд:

**سِبَابِ الْمُسْلِمِ فُسُوقٌ وَقِتَالُهُ كُفْرٌ**

***"Носазо гуфтан ба мусалмон фисқ ва куштанаш куфр аст".***

"КУФР" – и матраҳшуда дар ҳадис ***маъсият*** аст, ки *хориҷ шудан аз итоъату фармонбардорист*. Аммо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба эътибори фасоҳат дар сухан (ба хотири равшантар ва дақиқтар шудани масъала) ва ба қасди муболиға дар манъ кардан (кӯшиши зиёд дар манъ кардани ин амал), онро фармудааст:

**سِبَابِ الْمُسْلِمِ فُسُوقٌ وَقِتَالُهُ كُفْرٌ**

***"Носазо гуфтан ба мусалмон фисқ ва куштанаш куфр аст".***

Аз тарафи дигар, оё мумкин аст бахши аввал аз ин ҳадис «سِبَابِ الْمُسْلِمِ فُسُوقٌ» яъне **“Носазо гуфтан ба мусалмон фиск аст...”** – ро ба маънии фиск дар қисмати саввуми ояти зерин қарор дод?

وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْفَٰسِقُونَ

**"Касоне, ки ба он чи Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунанд, онҳо фосиқанд."** (Моида, 47)

Дар ҷавоб бояд гуфт, ки гоҳан "ФИСҚ" ҳамрадифи (баробари ё мисли) "КУФР" ҳаст, ки боиси хориҷ шудан аз Ислом мегардад ва гоҳе ҳамрадифи "КУФР" ҳаст, ки мақсад аз он хориҷ шудан аз доираи дин намебошад. Ин сухан ҳамин маъниро медиҳад, ки муфассири Қуръон Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳу фармудааст, ки он "КУФРИ ДУНА КУФР" мебошад, яъне куфре, ки аз дин хориҷ намекунад.

Ҳадис ин масъаларо таъйид мекунад, ки куфр гоҳе боиси хориҷ шудан аз дин намегардад. Далели он низ ин аст, ки Аллоҳи мутаъол дар Қуръони карим аз гурӯҳи боғӣ (саркаш) ва золиме ном мебарад ва бо вуҷуди қатли мӯъминони ҳақиқӣ, ҳукми куфр дар мавриди ин гурӯҳи боғӣ ва саркаш содир намекунад. Дар ҳоле, ки ҳадиси дар боло зикршуда, ишора ба куфри қотил дорад ва ин гувоҳидиҳандаи он аст, ки Ибни Аббос разияллоҳу анҳу дар ин замина гуфта буд, ки ин куфри дуна куфр аст ё ба истилоҳе, куфрест, ки шахсро аз Ислом хориҷ намекунад. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

وَإِن طَآئِفَتَانِ مِنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ ٱقْتَتَلُواْ فَأَصْلِحُواْ بَيْنَهُمَاۖ فَإِنۢ بَغَتْ إِحْدَىٰهُمَا عَلَى ٱلْأُخْرَىٰ فَقَٰتِلُواْ ٱلَّتِي تَبْغِي حَتَّىٰ تَفِيٓءَ إِلَىٰٓ أَمْرِ ٱللَّهِ

**“Агар ду тоифа аз мӯъминон бо ҳамдигар ҷангиданд, байнашон сулҳу оштӣ барпо кунед. Агар як тоифа бар тоифаи дигаре зулм кард, бо он тоифае, ки зулм кардааст биҷангед, то ба ҳукми Аллоҳ бозгардад...”.** (Ҳуҷурот, 9)

Агар мусалмоне мусалмони дигареро бикушад, ин амалаш таъаддӣ (таҷовуз, ситамгарӣ), зулм, фисқ ва куфр аст ва аммо ин ба он маънист, ки инсон гоҳе муртакиби куфри амалӣ ва гоҳе низ муртакиби куфри эътиқодӣ мегардад. Шарҳу тафсили ин масъаларо Шайхулислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ равшан ва муфассал баён дошта ва баъд аз ӯ низ шогирдаш Ибни Қайийими Ҷавзӣ кори устодашро идома додааст. Ин ду нафар баҳс ва мавзӯъеро, ки "КУФР" тақсимпазир ва ё тақсимшаванда аст, муфассалан шарҳ ва баррасӣ кардаанд, ки парчамдори он муфассири Қуръон Ибни Аббос разияллоҳу анҳу бо баёни он калимаи ҷомеъ ва мухтасар аст. Калимаи ҷомеъ ва сухане, ки қаблан аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу баён шуд, яъне: *"Ин куфр ҳамон куфре нест, ки онҳо дарк кардаанд ва куфре нест, ки боиси хуруҷ аз Ислом гардад, балки куфрест, ки дар мартабаи пойинтар аз куфр қарор дорад."*

Бидуни дар назар гирифтани ин тафсир, мусалмон аз ҷойе, ки интизори онро ҳам надорад, дучори фитна мешавад ва бидуни ин ки бифаҳмад, аз ҷамоъати мусалмон хориҷ мегардад. Ҳамон чизе ки Хавориҷ дар қадим ва пайравонашон дар ҳоли ҳозир низ дучори он шудаанд. Пас фармудаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам **«...وقتاله كفر» (“... ва куштани мусалмон куфр аст.”)** манзур иртикоби куфре, ки боиси хуруҷ аз дин бошад нест ва ҳадисҳои дигаре низ дар ин замина зиёданд. Тамоми ин аҳодис барои онҳое, ки ояти зикршударо куфри эътиқодӣ тафсир менамоянд ҳуҷҷати қотеъанд, ки манзур куфре

нест, ки аз Ислом хориҷ гардонад. Ҳол он ки ҳамин ҳадиси охирон зикршуда барои мо кофист, зеро далели қотеъест бар ин ки агар мусалмоне бародари мусалмонашро бикушад, амалаш куфри амалист ва куфри эътиқодӣ намебошад. Вале агар ба назари ҷамоати такфирӣ баргардем, онҳо ҳукми куфрро мутлақан бар ҳокимон ва касоне, ки таҳти вилояти онҳо (касоне, ки таҳти фармони онҳо) зиндагӣ мекунанд, иброз медоранд. Ҳамчунин ҳукми куфрро сад дар сад дар мавриди касоне, ки таҳти фармони ҳокимонанд ва маъмури анҷоми вазифаҳои ҳукуматӣ ҳастанд, эъмол менамоянд. Тавҷеҳи онҳо (сабаби кофир ҳукм карданашон) низ ҳамин аст, ки онҳо муртакиби гуноҳоне ҳастанд ва ба воситаи он кофир шудаанд.

Аз ҷумлаи масъалаҳое, ки суолкунанда маро ба ёди он андохт, масъалае буд, ки аз баъзе афроди ҷамоати такфир, ки Худованд ҳидояташон фармояд, шунидам. Ба онҳо гуфтам: Шумо баъзе аз ҳокимонро такфир кардед, аммо чаро имомони масоҷид, суханронон, хатибон, муаззин ва хидматгузорони масоҷид, устодону мударрисини илмҳои шаръӣ дар донишгоҳҳоро низ такфир намудед?

Дар ҷавоб гуфтанд: Чун онҳо розӣ ба ҳукми ҳокимоне буданд, ки ба ғайри шариъат ҳукм мекарданд.

Гуфтам: Агар он ризоият қалбӣ бошад, дар чунин ҳолат куфри амалӣ (амал ба ғайри мо анзалАллоҳ...) табдил ба куфри эътиқодӣ мешавад ва ҳар ҳокиме ба ғайри шариъат ҳукм кунад ва он ҳукмро лоиқу шоиста барои ин даврон донад ва муътақид бошад, ки ҳукм кардан ба Қуръону Суннат шоиста нест, бидуни шак чунон куфре эътиқодист ва куфри амалӣ нест. Инчунин агар касе ҳам ба он розӣ бошад, ба чунин

ҳокиме ҳамроҳ мегардад. Шумо наметавонед барои ҳар ҳокиме, ки ба қонунҳои ғарбии куфромез ё ба бештари он аҳком ҳукм намояд, ҳукм кунед, ки ӯ кофир аст, магар дар сурате, ки аз ӯ савол шавад ва ҷавобаш ин бошад, ки ҳукм кардан ба қонунҳои ғарбии куфромез ҳақ аст ва барои замони муосир лозим ҳастанд ва ҳукм ба Ислом ҷойиз нест. Агар аз онҳо савол кунед, наметавонед бигӯед, ки ҷавоби онҳо ин аст, ки ҳукм ба шариъат имрӯз лоиқу шоста нест, аммо агар онҳо қонунҳои куфромез ва ғайри исломиро болотар ва шоистатар аз қонунҳои исломӣ донистанд, дар чунин ҳолат, бидуни шакку гумон онҳо кофиранд. Аммо агар аз мартабаи ҳокимон поёнтар назар кунем, дар байни маҳкумин (тобеъон), олимону солеҳон ва дигарон низ ҳастанд ва чӣ гуна танҳо ба хотири оне, ки онҳо таҳти ҳукумати он ҳокимон зиндагӣ мекунанд, ононро низ маҳкум ба куфр намудаед? Дар ҳоле, ки худи шумо низ ба мисли онҳо таҳти ҳукумати ҳамон ҳокимон зиндагӣ мекунед, ҳол он ки шумо онҳоро кофир эълон карда ва муртад мехонед?! Ҳукм ба он чи Аллоҳ Таъоло нозил карда воҷиб аст, аммо мухолифат кардани ҳукми шаръӣ ба муҷарради амал сабаби он нест, ки бар амалкунандаи он ҳукми иртидод (муртад шудан) содир карда шавад.

Аз ҷумла мунокишоте, ки хато ва гумроҳии онҳоро равшан мекунад ин аст, ки ба онҳо гуфтам: Чӣ гуна бар мусалмоне, ки шаҳодатайнро бар забон ҷорӣ месозад ва намоз мехонад, ҳукми иртидод (муртад шудан) содир мекунед? Оё танҳо як бор кофӣ аст (ки ба ғайри мо анзалаЛлоҳ ҳукм шавад) ё ин ки воҷиб аст ӯ эълом намояд, ки аз дин баргаштааст? Аммо онҳо дар ҷавоб ҳамчунон саргардон мебошанд, вале ман маҷбур шудам барояшон масале бизанам: Қозие, ки бар асоси аҳкоми шариъат ҳукм мекунад ва барномаи корӣ ва одати ӯ низ ҳамин гуна аст, аммо дар

як маврид бар хилофи шариъат ҳукм менамояд, яъне ҳақро ба золим медиҳад ва мазлумро маҳрум мекунад. Оё ӯ дар ин маврид бар хилофи он чи Аллоҳ нозил карда, ҳукм содир нанамудааст? Қозӣ дар ин ҷо ба ғайри "мо анзалаЛлоҳ" ҳукм кардааст, оё дар мавридаш мегӯед, ки муртад ва кофир шудааст? Ҷавоб доданд: На, кофир намешавад. Гуфтам: Барои чӣ? Гуфтанд: Чунки қозӣ танҳо як маротиба ин корро анҷом додааст. Гуфтам: Сухани шумо дуруст, аммо агар қозӣ ин амалро як бори дигар содир намояд ё як ҳукми хилофи шариъат дар мавриди дигар содир намояд, оё кофир мешавад? Ин амалро агар қозӣ эҳтимолан саввум ва чаҳорум мартаба ҳам такрор кунад, дар мавридаш чӣ мегӯед, оё кофир мешавад? Шумо наметавонед барои теъдоди аҳкоме, ки қозӣ содир мекунад ва дар он бо шариъат мухолифат менамояд, ҳадду мизони маълуме қарор диҳед, аммо дар мавриди акси ин назарияи шумо, масъала возеҳ ва равшан аст. Агар бори аввал ҳангоми содир намудани ҳукм шумо огоҳ бишавед, ки қозӣ ҳукми ғайри шаръиро некӯ медонад ва ҳукми шаръиро қабеҳу нодуруст мешуморад, дар чунин ҳолат шумо ҳукми иртидодро (яъне муртад ва аз дин хориҷ шуданро) дар мавридаш содир менамоед. Аммо дар ғайри ин ҳолат, агар дар даҳҳо ҳолатҳои дигар дар мавзӯъҳои гуногун бар хилофи шариъат ҳукм намояд ва агар аз ӯ савол карда шавад, ки чаро бар хилофи шариъат ҳукм намудӣ? Қозӣ дар ҷавоб бигӯяд, ки аз нафси хеш тарсидам ё ин ки ришва гирифтам, дар чунин ҳолатҳо шумо наметавонед ҳукми куфр бар ӯ содир намоед. Магар дар ҳолате, ки қозӣ шуморо аз ниҳони дарунии хеш огоҳ созад ва бигӯяд, ки ҳукм ба шариъатро ҷойиз намедонам, ки ӯ дар ин ҳолат муртад шуда ва кофир аст.

Хулосаи сухан ин ҷо ин аст, ки куфр низ ба монанди фисқу фуҷур тақсимшаванда аст ва куфр ва фисқу фуҷур замоне инсонро аз дин хориҷ мекунанд, ки ҳангоми анҷом додан, шахс қалбан низ он амалро ҳалол бидонад. Аммо дар ҳолатҳое, ки шахс танҳо амалан куфр, фисқ ва фуҷурро анҷом медиҳад, вале қалбан онро ҳалол намешуморад ҳукмашон ингуна аст, яъне анҷомдиҳаи ин амалҳо дар ин ҳолат аз дин хориҷ намешаванд. Тамоми гуноҳоне, ки дар ин замон амалан мардум онҳоро анҷом медиҳанд ва дар амал барои худ ҳалол кардаанд, вале қалбан ин амалҳоро ҳалол намешуморанд, ҳукмашон низ ҳамингуна аст (яъне аз Ислом хориҷ намегарданд). Зеро онҳо дучори куфри амалӣ шудаанд, ки аз ҷумла ин гуноҳон рибо, зино, шароб ва ғайра мебошанд.

Бинобар ин ба хотири танҳо анҷоми гуноҳ ҷоиз нест, ки касеро такфир кард, магар ин ки он чи дар қалбашон пинҳон доштаанд барои мо равшан гардад. Масалан агар онҳо он чиро, ки Аллоҳ ҳаром кардааст, ҳаром надонанд ва он чи ки қалбан пинҳон доштаанд низ барои мо равшан гардад, яъне қалбан низ ҳароми Аллоҳро ҳаром надонанд, пас дар ин сурат онҳоро кофиру муртад медонем. Аммо дар сурате, ки бароямон равшан нагардад, ки онҳо қалбан чигуна ба аҳкоми илоҳӣ эътиқод доранд, наметавонем такфирашон бикунем ва бояд битарсем, ки мусалмонеро ба ноҳақ такфир намоем. Чунон ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд:

**إِذَا قَالَ الرَّجُلُ لِأَخِيهِ يَا كَافِرُ فَقَدْ بَاءَ بِهَا أَحَدُهُمَا**

***"Агар мусалмоне ба бародараш бигӯяд: Эй кофир, яке аз он ду мустаҳҳаққи (сазовори) он хоҳад шуд".***

Ҳадисҳо дар ин замина зиёданд ва барои намуна ҳикояти он марди саҳобаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро, ки бо яке аз мушрикин ҷангид, бароятон нақл мекунам: Вақте ки марди мушрик зери зарбаҳои шамшери он саҳобӣ қарор гирифт, гуфт: اشهد ان لا اله الا الله ("*Шаҳодат медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе, ки шоистаи ибодат бошад, ҷуз Аллоҳ нест*"), вале саҳобии Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сухани он мушрик аҳамият надод ва ӯро кушт. Вақте хабар ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам расид, ба шиддат он амалро нописанд донист. Он саҳоба гуфт: Эй Расули Аллоҳ, ин суханро аз тарси куштан бар забон ронд. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҷавобаш фармуд: «**هلاّ شققت عن قلبه؟!**[2]» ***"Оё қалбашро шикофтӣ?!"***

Бинобар ин куфри эътиқодӣ иртиботе ба амал надорад, балки дар иртибот бо дил аст ва мо низ аз даруни фосиқ, фоҷир, дузд, зинокор, рибохор ва ғайра огаҳӣ надорем, то замоне, ки он чи дар дил доранд, бар забон биоваранд. Аммо агар амалан бо шариъат мухолифат намоянд, мо ҳам мегӯем, ки *"шумо бо шариъати Аллоҳ мухолифат намуда ва муртакиби фисқу фуҷур шудаед"* ва то замоне ки чизе аз эътиқодашон барои мо ошкор нашавад, мо назди Аллоҳ маъзурем, ки онҳоро ба куфр нисбат диҳем. Ҳамчунин истифодаи алфози "муртад шудан" ва "куфр" – ро низ дар мавридашон худдорӣ мекунем ва баъд аз ин марҳила ҳукми маъруфи Ислом хоҳад омад ва он ин аст, ки ҳар кас динашро тағйир диҳад ва дучори иртидод гардад, ӯро бикушед. Ин ҳамон фармудаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, ки мегӯянд:

**«من بدل دينه فاقتلوه»** ***"Ҳар касе, ки аз дин баргашт, пас ӯро бикушед".***

---

[2] Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим аз ҳадиси Асома ибни Зайд разияллоҳу анҳу

Ман ҳамеша ба касоне, ки дар бораи қазияи такфири ҳокимон сухан мегӯянд, гуфтаам: Шумо мегӯед ҳокимоне, ки бар шумо ҳукумат мекунанд кофир ҳастанд, дар сурати дуруст ва саҳеҳ будани ин иддао такфир карданашон воҷиб мешавад ва бояд ҳудуди шаръиро низ бар онҳо ҷорӣ намуд. Агар мо дар ин сурат таслими шумо шавем, ки тамоми ҳокимони ҷомеъаҳои исломӣ кофиранд, чӣ касе метавонад ҳукми шариъатро дар мавридашон амалӣ созад? Оё кофироне, ки сарзаминҳои мусалмононро ишғол кардаанд, онҳо метавонанд ҳукми шаръиро нисбати ҳокимони мусалмон иҷро кунанд?! Ҳол он ки мо мутаассифона бо ишғоли танҳо сарзамини Фаластин ба василаи яҳуд гирифторем ва мову шумо бо он ишғолгарони яҳуд чӣ чиз тавонистаем анҷом диҳем, то ин ки шумо бо ҳокимоне, ки гумон доред кофиранд, анҷом диҳед? Чаро шумо ин роҳу равишро тарк намекунед ва ба асос ва роҳу равише кӯшиш наметарзед, ки бар асоси он Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам асҳобашро тарбият кард. Бар асоси он роҳу равиши набавӣ, асҳоби киром рушд ёфтанд ва нашъунамо карданд, роҳу равише, ки мо дар бештари ҳолатҳо аз он сухан мегӯям ва пуштибонӣ мекунем. Ҳар ҷамоате аз мусалмонон бояд ҳақиқатан барои бозгардондани ҳукми Ислом на танҳо дар сарзаминҳои Исломӣ бикӯшад, балки бояд дар тамоми замин бикӯшад, то ин ки фармудаи Аллоҳ Таъоло амалӣ гардад. Чунон ки Аллоҳ Таъоло мефармояд:

هُوَ ٱلَّذِيٓ أَرۡسَلَ رَسُولَهُۥ بِٱلۡهُدَىٰ وَدِينِ ٱلۡحَقِّ لِيُظۡهِرَهُۥ عَلَى ٱلدِّينِ كُلِّهِۦ وَلَوۡ كَرِهَ ٱلۡمُشۡرِكُونَ

**"Ӯ Касест, ки Расулашро барои ҳидояти мардум ва иблоғи дини ҳақ фиристод, то онро бар тамоми адён ғолиб гардонад, ҳарчанд мушрикон онро нописанд донанд".** (Саф, 9)

Дар баъзе аз аҳодиси саҳеҳ омадааст, ки ин оят ба зудӣ амалӣ хоҳад шуд ва барои ин ки мусалмонон битавонанд онро дубора амалӣ намоянд, оё роҳи он эълони инқилоб алайҳи ҳокимонест, ки ба хаёл ва гумони онҳо муртад шуда ва кофиранд, сипас ҳеҷ кореро наметавонанд баъд аз он эълон анҷом диҳанд? Ин чӣ манҳаҷест? Бегумон роҳи саҳеҳ ҳамон роҳест, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он сухан гуфта ва дар ҳар хутба асҳобашро ба он ёдоварӣ кардааст.

**وخير الهدي هدي محمد صلى الله عليه وسلم**

***“Беҳтарин роҳнамоӣ, роҳнамоии Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст”.***

Бар ҳар мусалмони хосу ом ва ҳамаи касоне, ки ба бозгашту иқомаи шариъат кӯшиш меварзанд, лозим аст аз ҳамон ҷо, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам шурӯъ кард, оғоз намоянд. Расулаллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он чизе шурӯъ кард, ки мо ба унвони ду калимаи сода аз он ном мебарем ва онҳо ТАСФИЯ (соф ва пок кардан) ва ТАРБИЯ мебошанд, яъне аввал бояд тасфия сурат бигирад ва баъдан тарбия ё ба истилоҳе аввал бояд мардумро аз хурофот ва ширкиёт пок кард ва баъдан мардумро бар асоси Исломи пок тарбия намуд. Зеро мо ҳақиқатеро медонем, ки он зиёдаравони ифротӣ аз он ғофиланд ё худро ба ғафлат задаанд. Ҳақиқат ва назари онҳо фақат эълони такфири ҳокимон аст, ки ҳеҷ амалеро ба дунболи худ надоштааст ва агар ҳам паёмаде доашта бошад, ҷуз фитна, бало ва гирифторӣ барои муслимин дигар чизе набудааст. Дар солҳои ахир фитнаҳо аз Ҳарами Маккӣ шурӯъ шуда ва ба фитнаи Мисру қатли содот (сардорон), рехтани хуни баноҳаққи бисёре аз мусалмонони маъсум, ки пайдошуда аз ҳамон фитна

буд, анҷомид. Ахиран дар Сурия ва ҳамчунин дар Миср ва ҷараёнҳои таассуфбори Алҷазоир ва ғайра, ки ҳамагӣ ба хотири мухолифат бо бисёре аз далелҳо таҳаққуқ пазируфт ва муҳимтарини онҳо ин фармудаи Аллоҳ дар бораи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِّمَن كَانَ يَرْجُو اللَّهَ وَالْيَوْمَ الْآخِرَ وَذَكَرَ اللَّهَ كَثِيرًا

**"Албатта Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои шумо ва барои касоне, ки ба Аллоҳу рӯзи охират умедвор бошанд ва Аллоҳро бисёр ёд кунанд, беҳтарин пешво ва улгу мебошад".** (Аҳзоб, 21)

Ҳангоме, ки мехоҳем ҳукми Аллоҳро дар замин ба по дорем, оё аз куштори ҳокимон, ки наметавонем анҷом диҳем, шурӯъ кунем ё ба ҳамон чизе ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо он оғоз намуд, даст ба кор шавем? Бидуни шак ҷавоб возеҳ аст:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ...

**“Албатта Расулуллоҳ барои шумо беҳтарин пешво ва улгу мебошад...”.**

Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба чӣ чиз оғоз намуд? Медонед, ки ӯ бо даъват кардани афроде, ки гумон дошт, ки истеъдоди қабул кардани ҳақро доранд, оғоз кард. Пас ҳамон гунае, ки дар сираи набавӣ маъруф аст, афроде даъвати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро низ қабул карданд. Пас аз гирифториҳо ва мушкилоте, ки мусалмонон дар Макка бо онҳо рӯбарӯ шуданд, дастур ба ҳиҷрати аввалӣ ва сипас дастур ба ҳиҷрати дуввумӣ дода шуд, то он ҷое, ки Аллоҳи таъоло Мадинаи мунаввараро ватани онҳо қарор дод. Пас аз он

ҳукумати исломӣ ва ҷангҳои дифоиву озодибахши Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо куффору яҳуд оғоз гардид.

Бинобар ин мо ҳам бояд аз таълими мардум ва ошно карданашон бо Ислом оғоз кунем, ҳамон гуна ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам оғоз карда буд. Аммо фарқе, ки ҳаст ин аст, ки мо набояд фақат ба даъвати исломӣ басанда кунем, чунки Ислом бо чизҳое, ки ҷузви он нест омехта шудааст, чизҳое, ки сабаби нобудии муборизоти исломӣ ва бедории он аст. Ба ҳамин далел бар доъиён воҷиб аст, ки ҳаракатро аввалан бо пок кардани Ислом аз хурофоту бидъатҳо ва аз ҳар он чи бо он бегона аст, вале вориди он гардида, оғоз кунанд. Сониян, ҳамзамон бо он тасфия ба тарбияти ҷавонони мусалмон бар асоси он Исломи поку беолоиш иқдом кунанд. Вақте ки ҷамоъатҳои исломиеро, ки дар садсолаи охир ташкил шудаанд, бо таваҷҷуҳ мутолиа ва баррасӣ кунем, мебинем, ки аксари онҳо бо вуҷуди он ҳама иддаову таблиғот ва гирифториҳо, ки мақсадашон ташкили ҳукумати исломӣ буд, ба ҳеҷ натиҷае нарасидаанд, ҷуз ин ки хуни бегуноҳон рехта шавад. Ҳамеша мо ақидаҳо ва амалҳои хилофи Китобу Суннатро аз онҳо дидаем ва дар ҳамин робита сухани яке аз даъватгаронро нақл мекунам, ки гуфтааст: *Давлати Исломро дар дилҳоятон барпо доред, дар натиҷа дар сарзаминатон барпо мегардад.* Ман дӯст дорам аз пайрави он бошам, ки онро лозим бидорем ва дар зиндагии хеш амалӣ намоем. Зеро мусалмон ҳар вақт ақидаи хешро бар асоси Китобу Суннат тасҳеҳ кунад (ислоҳ кунад), бидуни шак, баъд аз он ба тасҳеҳи ибодат, ахлоқ ва рафтораш иқдом мекунад. Аммо бо камоли таассуф он мардумон ба он калимаи поку беолоиш амал накарданд ва бидуни ҳеҷ иқдоми асосӣ, танҳо ба таблиғот ва иддаои ташкили ҳукумати Исломӣ ба доду фарёд

пардохтанд. Қавли шоире ҳаст, ки дар мавриди ингуна ашхос мутобиқат мекунад:

ترجو النجاة ولم تسلك مسالكها　　إن السفينة لا تجري على اليبس

*Мехоҳед, ки наҷот ёбед бидуни ин ки аз роҳаш ворид шавед, ҳамоно ки киштӣ дар хушкӣ ҷараён намеёбад.*

Умедворам, ки дар он чи баён доштам, ҷавоби кофӣ барои он савол вуҷуд дошта бошад.

**والله المستعان**

(Аллоҳ моро кумак кунад.)

**Назари шайх Абдулазиз бин Боз раҳимаҳуллоҳ дар мавриди гуфтаҳои Шайх Албонӣ раҳимаҳуллоҳ**

Ҷаноби Шайх Абдулазиз бин Боз раҳимаҳуллоҳ баъд аз нашр шудани назарияи Муҳаммад Носириддин Албонӣ раҳимаҳуллоҳ дар бораи қазияи такфир, дар маҷаллаи **الدعوة السعودية** шуморан 1511 ҷамодиюл-аввали 1416 ҳиҷри қамарӣ (мутобиқ бо моҳи сентябри соли 1995) нукотеро ба шарҳи зер дар таъйиди он зикр кардааст.

**الحمد لله والصلاة والسلام على رسول الله وعلى آله وأصحابه ومن اهتدى بهداه أما بعد:**

Аз ҷавоби муҳкаму муфиде, ки ҷаноби Носириддин Албонӣ, Худованд ӯро муваффақ бидорад, ки дар рӯзномаи **المسلمون** дар заминаи такфир кардани касе, ки ба ғайри он чи ки Аллоҳи мутаъол нозил кардааст, бидуни тафсил ва шарҳ мунташир карда буд, огоҳ шудам. Ин назарияро ҳамчун сухани гаронқадр медонам, ки ба ҳақиқат исбот шудааст.

Шайх Албонӣ раҳимаҳуллоҳ роҳи мӯъмининро паймуда ва дар он равшан намудааст, ки ҳеҷ фарде ҳақ надорад ва барояш ҷоиз нест, ки касеро ба хотири оне, ки ӯ ба ғайри аҳкоми илоҳӣ ҳукм кардааст ва ба хотири танҳо амал кардан ба аҳкоми ғайри илоҳӣ, кофир ҳукм кунад. Бидуни огаҳӣ аз ин ки, оё қалбан ҳам онро ҳалол медонад ё на. Дар ин замина аз гуфтаҳои Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ва дигар ривоятҳо аз салафи уммат истифода кардааст.

Ҳамчунин бидуни шак, он ҷавобҳоеро, ки Шайх Албонӣ раҳимаҳуллоҳ дар робита бо оятҳои зерин додааст, ҳаққанд.

وَمَن لَّمۡ يَحۡكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَٰفِرُونَ

**“Касоне, ки ба он чи Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунанд, онҳо кофиранд”.** (Моида, 44)

وَمَن لَّمۡ يَحۡكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ

**“Касоне, ки ба он чи Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунанд, онҳо золиманд”.** (Моида, 45)

وَمَن لَّمۡ يَحۡكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَٰسِقُونَ

**"Касоне, ки ба он чи Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунанд, онҳо фосиқанд."** (Моида, 47)

Иловатан тавзеҳ додааст, ки куфр ба ду навъ аст, яъне куфри АКБАР ва куфри АСҒАР (хурд), ҳамонгуна, ки зулм ва фисқ низ ба ду навъ тақсим мешаванд, мисли зулму фисқи АКБАР ва зулму фисқи АСҒАР. Ҳар кас ҳукм ба ғайр аз Исломро мисли зино кардан, мисли рибохорӣ ва мисли дигар ҳаромҳое, ки бар ҳаром буданашон олимон

иҷмоъ кардаанд, ҳалол бидонад, ба тақиқ ӯ ба куфри акбар, зулми акбар ва фисқи акбар мубтало гаштааст. Аммо агар касе бидуни ҳалол шумурдани қалбӣ онро анҷом диҳад, куфраш асғар ва ҳамчунин зулму фисқаш низ асғар хоҳад буд. Чунон ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳадиси Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу мефармоянд:

**«سباب المسلم فسوق وقتاله كفر»** ***"Носазогӯӣ ба мусалмон фисқ ва куштанаш куфр аст".*** Ҷаноби Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ин фармуда қасдашон фисқ ва куфри асғар будааст ва ба хотири танаффур (нафрат доштан) аз ин амали мункару нописанд, онро ба сурати мутлақ баён фармудаанд. Ҳамонгуна ки дар ҳадиси дигаре мефармоянд:

**اثنتان في الناس هما بهما كفر: الطعن في النسب والنياحة على الميت**[3]

***"Ду чиз дар миёни мардум вуҷуд дорад, ки ба воситаи онҳо дучори куфр мешаванд: дар насаби дигарон айб ворид кардан ва барои мурда навҳахонӣ намудан".*** Ҳамчунин мефармоянд:

**لا ترجعوا بعدي كفاراً يضرب بعضكم رقاب بعض**[4]

***"Баъд аз ман кофир нашавед, то баъзе гардани баъзеи дигарро бизанад ва ҳамдигарро бикушед".*** Ҳадисҳо дар ин замина зиёданд.

Бар ҳар мусалмон ва хусусан, аҳли илм лозим аст, ки дар амрҳои шариъат таҳқиқ намояд, бо иттилоъ аз Китобу Суннат ва роҳу равиши салафи уммат ҳукм кунад ва аз роҳи хатарноки касоне, ки аҳкомро ба сурати мутлақ ва бидуни тафсил (нопурра ва ноқис) ба кор мебаранд, бипарҳезад. Инчунин бар аҳли илм воҷиб аст, ки ба сӯи Аллоҳ Таъоло муфассалан ва ба манзури равшан намудани масоили Ислом бо

---

[3] Ба ривояти Муслим

[4] Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим аз ҳадиси Ҷарир разияллоҳу анҳу

далелҳояшон аз Китобу Суннат даъват намоянд. Ба ҳамин тарз бар аҳли илм воҷиб аст, ки ба пойдориву собитқадамӣ, ба хайрхоҳӣ ва тавсия ба хайр ташвиқ намоянд ва дар ҳамон ҳол мусалмонҳоро аз ҳар он чи ки мухолифи аҳкоми Ислом аст, битарсонанд. Дар ин сурат бар роҳу равиши Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, роҳу равиши хулафои рошидин ва асҳобаш қарор гирифта, ба ҳақ гаравида ва амалан аз ҳар он чи мухолифи Ислом аст, бар ҳазар мондаанд. Онгоҳ шоҳиди амалӣ шудани ин гуфтаҳо ва омӯзгориҳои Қуръон хоҳем буд.

وَمَنۡ أَحۡسَنُ قَوۡلٗا مِّمَّن دَعَآ إِلَى ٱللَّهِ وَعَمِلَ صَٰلِحٗا وَقَالَ إِنَّنِي مِنَ ٱلۡمُسۡلِمِينَ

**"Гуфтори чӣ касе некӯтар аз фарде аст, ки ба сӯи Аллоҳ даъват карда ва амали солеҳ анҷом медиҳад ва мегӯяд: Ба дурустӣ, ки ман мусалмонам".** (Фуссилат, 33)

قُلۡ هَٰذِهِۦ سَبِيلِيٓ أَدۡعُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِۚ عَلَىٰ بَصِيرَةٍ أَنَا۠ وَمَنِ ٱتَّبَعَنِيۖ وَسُبۡحَٰنَ ٱللَّهِ وَمَآ أَنَا۠ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ

**"Бигӯ ин роҳи ман аст, огоҳона худам ва пайравонам ба сӯи Аллоҳ даъват мекунем ва Аллоҳ поку муназзаҳ аст ва ман аз мушрикин нестам".** (Юсуф, 108)

ٱدۡعُ إِلَىٰ سَبِيلِ رَبِّكَ بِٱلۡحِكۡمَةِ وَٱلۡمَوۡعِظَةِٱلۡحَسَنَةِۖ وَجَٰدِلۡهُم بِٱلَّتِي هِيَ أَحۡسَنُۚ

**"Бо ҳикмату панди некӯ ба сӯи Парвардигорат даъват кун ва бо шеваи писандида бо онҳо муҷодила намо...".** (Наҳл, 125)

Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд:

**من دل على خير فله مثل أجر فاعله**

***"Ҳар кас ба некӣ роҳнамоӣ кунад, подоше ба монанди подоши анҷомдиҳандаи он дорад".*** Дар ин замина боз мефармоянд:

**من دعا إلى هدى كان له من الأجر مثل أجور من تبعه، لا ينقص ذلك من أجورهم شيئاً، ومن دعا إلى ضلالة كان عليه من الإثم مثل آثام من تبعه لا ينقص ذلك من آثامهم شيئاً**[5]

***"Ҳар кас мардумро ба ҳидоят фаро хонад, ба монанди касе, ки онро анҷом медиҳад, подош дода мешавад ва дар ин кор аз подоши амалкунандагон чизе кам намегардад. Баръакс ҳар кас ба гумроҳӣ даъват кунад, ба монанди амалкунандаи он гуноҳкор хоҳад буд, бидуни ин ки аз кайфарашон (ҷазо ва подошашон) кам карда шавад".***

Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳангоме, ки дар ғазваи Хайбар парчами пирӯзиро ба дасти Алӣ разияллоҳу анҳу медиҳад, мефармояд:

**ادعهم إلى الإسلام وأخبرهم بما يجب عليهم من حق الله فيه، فوالله لئن يهدي الله بك رجلاً واحداً خيرٌ لك من حمر النعم**[6]

***"Онҳоро ба Ислом даъват кун ва онҳоро нисбат ба он чи ки Аллоҳ бар эшон воҷиб намуда, огоҳ кун. Савганд ба Аллоҳ Таъоло, агар ба василаи ту Аллоҳ фардеро ҳидоят кунад, бароят аз шутурони сурхмӯй беҳтар аст".***

Расулуллоҳ саллалоҳу алайҳи ва саллам 13 сол дар Макка монд ва мардумро ба тавҳиди Аллоҳ ва мусалмон шудан, бо насиҳат, ҳикмат, сабр ва шеваҳои некӯ даъват намуд, то ин ки Аллоҳ ба воситаи ӯ салаллоҳу алайҳи ва саллам ва асҳобаш касонеро, ки саодат бар онҳо пешӣ ҷуста буд, ҳидоят кард ва сипас ба сӯи Мадина ҳиҷрат карданд. Даъват ба сӯи Аллоҳ Таъолоро ҳамроҳи асҳобаш разияллоҳу анҳумо бо ҳикмату панди некӯ, сабру бурдборӣ ва мубоҳисаи некӯ идома дод, то ин

---

[5] Ба ривояти Муслим дар Саҳеҳаш
[6] Бар саҳеҳ будани ин ҳадис иттифоқ аст.

ки барои ҷиҳод бо шамшер алайҳи куффор амр карда шуд. Расулуллоҳ саллалоҳу алайҳи ва саллам ҳамроҳи асҳобаш онро ба таври аҳсан бапо доштанд ва саранҷом Аллоҳ онҳоро муваффақ гардонид. Оқибати некӯ бар онҳо муқаррар дошт ва ҳамчунин пирӯзӣ ва саранҷоми некро сарнавишти ҳамаи касоне қарор медиҳад, ки бар роҳу равиши онҳо то рӯзи қиёмат амал намоянд.

Аз Аллоҳи мутаъол дархост менамоем, ки мо ва бародарони диниямонро аз пайравони некӯкори онон қарор диҳад ва ба мову ҳамаи бародаронамон тавфиқи даъват ба сӯи Аллоҳ, огоҳиву амали солеҳу сабр намудан бар ҳақро насиб гардонад, то ин ки Аллоҳи Субҳонро мулоқот намоем, ки ба ростӣ танҳо Ӯ сарпарасту тавоно бар ин кор аст.

**وصلى الله على نبينا محمد وآله واصحابه ومن تبعهم باحسان الى يوم الدين**

**Хулосаи матлаб**

Баъд аз мусоҳиба ва овардани назарияҳои олимони муътабари муосир, ки дар масъалаи такфир бар асоси Қуръону Суннат ва манҳаҷи салафи солеҳ суҳбат кардаанд, мехоҳем дар чанд сатри кутоҳе матлаби мазкурро хулосабардорӣ намоем.

1. Масъалаи такфир масъалаи қадимӣ буда, аз тарафи гурӯҳи Хавориҷ поягузорӣ шудааст.

2. Фарқияти Аҳли Суннат ва Ҷамоъат аз дигар гурӯҳҳо ва фирқаҳои исломӣ дар он аст, ки Аҳли Суннат ва Ҷамоъат бо роҳ ва равиши Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, бо роҳ ва равиши асҳоби киром ва салафи солеҳ мебошанд.

3. Ду сабаби асосие вуҷуд доранд, ки имрӯзҳо мусалмонон аз равиши салафи солеҳ дур шудаанд. Аввалан камии илм мебошад, яъне фаҳмишашон дар масъалаҳои шариъат кам аст. Сабаби дуввумӣ бошад, ин хуб дарк накардани қоидаҳои шариъат мебошад, дар ҳоле ки ин масъала бисёр муҳим буда, асоси даъвати Исломи покро дар бар мегирад.

4. Пайравӣ намудан аз асҳоби киром ва роҳи мӯъминин ин пайравӣ аз Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам низ мебошад, зеро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар чандин ҷойҳо бар пайравӣ намудан ба асҳоби хеш ва бар пайравӣ аз роҳи мӯъминин супориш кардаанд, ки инҳо сабаби наҷот мебошанд.

5. Ихлос дар амал ба танҳоӣ кофӣ набуда, балки амал низ бояд тибқи роҳ ва равиши салафи солеҳ бошад.

6. Инчунин фаҳмиши Қуръону Суннат низ бояд тибқи фаҳмиши салафи солеҳ бошад, зеро онҳо фаҳмишашон дар масоили шариъат беҳтар ва болотар аз фаҳмиши мо буд.

7. Асли такфир, ки дар замони мо маъруф аст, дар асоси ояти 44-и сураи Моида мебошад, ки мутаассифона гурӯҳҳои такфирӣ ин оятро танҳо зоҳиран шарҳ медиҳанд ва аз тафсири муфассали он огаҳӣ надоранд.

8. Лафзи куфр низ мисли лафзҳои фисқ, зулм ба асғару акбар, яъне ба куфри хурд ва бузург тақсим мешавад.

9. Фаҳми Қуръону Суннат бо фаҳмиши забони арабӣ ва қоидаҳои забони арабӣ вобаста аст ва дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилӣ ва нофаҳмиҳо, бояд роҳи ҳалро аз олимони қабл аз худ гирифт, хусусан олимоне, ки дар 3-қарни аввали Ислом зиндагӣ кардаанд. Зеро Ислом афзал будани 3-қарни аввалро тасдиқ мекунад.

10. Ҳукм накардан ба аҳкоми исломӣ, маънои аз дин хориҷ шуданро надорад, то замоне, ки шахс қалбан низ эътироф намояд, ки аҳкоми ғайри исломӣ болотар ва беҳтар аз аҳкоми исломӣ ҳастанд.

11. Ҳукм кардан ба Ислом ё ба куфр аз аҳкоми шариъат буда, бояд бар асоси далелҳои шаръӣ ва бар қоидаҳои шариъат анҷом дода шавад.

12. Куфр дар Ислом ба маъноҳои мухталиф зикр шудааст, масалан дар ҳадиси машҳуре, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд:

**سِبَابُ الْمُسْلِمِ فُسُوقٌ وَقِتَالُهُ كُفْرٌ**

***"Носазо гуфтан ба мусалмон фисқ ва куштанаш куфр аст".***

Дар ин ҷо куфр ба маънои маъсият аст, ки хориҷ шудан аз тоъату фармонбардорист.

13. Ҳокиме эътиқодан ба ғайри шариъат ҳукм кунад, куфри амалӣ нест, балки куфри эътиқодист ва агар касе ҳам бо ин ҳукми ҳоким розӣ бошад, ӯ низ бо ҳоким ҳамроҳ мешавад.

14. Ҳукм ба он чи Аллоҳ Таъоло нозил карда воҷиб аст, аммо мухолифат кардани ҳукми шаръӣ ба муҷарради амал сабаби он нест, ки бар амалкунандаи он ҳукми иртидод (муртад шудан) содир карда шавад.

15. Куфри эътиқодӣ иртиботе ба амал надорад, балки дар иртибот бо дил аст ва мо низ аз даруни фосиқ, фоҷир, дузд, зинокор, рибохор ва ғайра огаҳӣ надорем, то замоне, ки он чи дар дил доранд, бар забон биоваранд. Аммо агар амалан бо шариъат мухолифат намоянд, мо ҳам мегӯем, ки *"шумо бо шариъати Аллоҳ мухолифат намуда ва муртакиби фисқу фуҷур шудаед"* ва то замоне ки чизе аз эътиқодашон барои мо ошкор нашавад, мо назди Аллоҳ маъзурем, ки онҳоро ба куфр нисбат диҳем. Ҳамчунин истифодаи алфози "муртад шудан" ва "куфр" – ро низ дар мавридашон худдорӣ мекунем.

16. Тарбия ва даъвати мардум бояд бо роҳ ва равиши Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бошад. Роҳ ва равише, ки бар асоси он Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам асҳобашро тарбият кард ва бар асоси он роҳу равиши набавӣ, асҳоби киром рушд ёфтанд ва нашъунамо карданд.

17. Бар ҳар мусалмони хосу ом ва ҳамаи касоне, ки ба бозгашту иқомаи шариъат кӯшиш меварзанд, лозим аст аз ҳамон ҷо, ки Расулуллоҳ

саллаллоҳу алайҳи ва саллам шурӯъ кард, оғоз намоянд. Расулаллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз он чизе шурӯъ кард, ки мо ба унвони ду калимаи сода аз он ном мебарем ва онҳо ТАСФИЯ (соф ва пок кардан) ва ТАРБИЯ мебошанд, яъне аввал бояд тасфия сурат бигирад ва баъдан тарбия ё ба истилоҳе аввал бояд мардумро аз хурофот ва ширкиёт пок кард ва баъдан мардумро бар асоси Исломи пок тарбия намуд.

18. Мо бояд аз таълими мардум ва ошно карданашон бо Ислом оғоз кунем, ҳамон гуна ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам оғоз карда буд. Аммо фарқе, ки ҳаст ин аст, ки мо набояд фақат ба даъвати исломӣ басанда кунем, чунки Ислом бо чизҳое, ки ҷузви он нест омехта шудааст, чизҳое, ки сабаби нобудии муборизоти исломӣ ва бедории он аст. Ба ҳамин далел бар доъиён воҷиб аст, ки ҳаракатро аввалан бо пок кардани Ислом аз хурофоту бидъатҳо ва аз ҳар он чи бо он бегона аст, вале вориди он гардида, оғоз кунанд. Сониян, ҳамзамон бо он тасфия ба тарбияти ҷавонони мусалмон бар асоси он Исломи поку беолоиш иқдом кунанд.

19. Бар ҳар мусалмон ва хусусан, аҳли илм лозим аст, ки дар амрҳои шариъат таҳқиқ намояд, бо иттилоъ аз Китобу Суннат ва роҳу равиши салафи уммат ҳукм кунад ва аз роҳи хатарноки касоне, ки аҳкомро ба сурати мутлақ ва бидуни тафсил (нопурра ва ноқис) ба кор мебаранд, бипарҳезад. Инчунин бар аҳли илм воҷиб аст, ки ба сӯи Аллоҳ Таъоло муфассалан ва ба манзури равшан намудани масоили Ислом бо далелҳояшон аз Китобу Суннат даъват намоянд.

20. Дар шариъат куфр ба куфри амалӣ, ба куфри эътиқодӣ ва ба куфри забонӣ ё қавлӣ ҷудо карда мешавад. Ҳамчунин имон ва гуноҳ низ ба эътиқодӣ, амалӣ ва забонӣ тақсим карда мешаванд.

Дар охир онеро гуфтанием, ки Аллоҳи базург мефармояд:

وَهُوَ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ لَهُ ٱلۡحَمۡدُ فِي ٱلۡأُولَىٰ وَٱلۡأٓخِرَةِۖ وَلَهُ ٱلۡحُكۡمُ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ

**"Ва Ӯ Аллоҳ таъолост, ки ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Ӯ нест. Ситоиш дар дунёву охират барои Ӯст ва ҳукму фармонравоӣ низ аз они Ӯст ва ҳамагӣ ба сӯи Ӯ бозгардонида мешавед."** (Қасас, 70) Ҳамду ситоиш он Зотеро, ки ба неъматҳояш корҳои хуб итмом меёбанд ва саллаллоҳу ало Муҳаммад ва олиҳи ва саллама таслимо.

Огоҳӣ: Хулосаи матлаб бо мақсади осонфаҳм ва оммафаҳм шудани китоб, аз тарафи ҳайати китобхонаи Мероси Абуҳанифа ворид карда шудааст.